PLITONIT
ПРОФЕССИОНАЛ БУДАН ОСОН АСТ
Plitonit Deutsche Qualität

# PLITONIT АнтиМороз – иловаи маҷмуавии пластификатсиякунанда бо самараи зиддисармо барои омехтаҳои маҳлулӣ ва бетонӣ




Илова барои модификатсияи хусусиятҳои омехтаҳои маҳлулӣ ва бетонӣ таъин гардидааст. Сахтшавиро дар ҳарорати то -25°C ҳангоми риояи қоидаҳои бетонкунии зимистонӣ ва СП 70.13330 (қисмати 5 б. 5.11) таъмин мекунад. Самараи пластификатсиякунӣ ва устуворсозӣ (ба қабат ҷудошавии маҳлул) дорад. Технологиро беҳтар карда, ҳосилшавии тарқишҳо дар маҳлулҳои худсозро паст мекунад. Моддаҳои агрессивӣ ба бетон ва маҳлулро надорад. Дар ҳароратҳои аз +20°C ва бештар мустаҳкамшавии бетонҳо ва маҳлулҳои модификатсиянашударо метезонад. Воридкунии илова ҳангоми омодакунии сохторҳои оҳану бетон бо арматураи шиддатшаванда, бо арматураи шиддатношавандаи диаметраш 5 мм ва камтар иҷозат дода намешавад.

**Бандубаст — канистраҳои пластикии 3 л, 10 л.**

- Устуворӣ ба сарморо баланд мекунад
- Мустаҳкамшавиро суръат мебахшад
- Барои омехтаҳо ва бетонҳои сементӣ-регӣ.
- Консентрат

## Хароҷоти мавод

| Самараи талабкардашаванда | Тартиби гузаронидани корҳо | Хароҷоти илова, литр ба 100 кг моддаи хушк | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Семент | ОСР М150 | ОСР М200 | ОСР М300 |
| Тезонидани мустаҳкамшавӣ | аз +20$^{O}$C | 0,48 л | 0,08 л 0,12 л | 0,11 л 0,14 л | 0,13 л 0,17 л |
| Самараи зиддисармо | ах +5$^{O}$C то -5$^{O}$C | 0,68 л | 0,12 л 0,16 л | 0,15 л 0,2 л | 0,19 л 0,24 л |
| | аз -6$^{O}$C то -10$^{O}$C | 0,8 л | 0,14 л 0,19 л | 0,18 л 0,23 л | 0,22 л 0,28 л |
| | аз -11$^{O}$C то -15$^{O}$C | 1,2 л | 0,2 л 0,29 л | 0,26 л 0,35 л | 0,34 л 0,42 л |
| | аз -16$^{O}$C то -25$^{O}$C | 1,6 л | 0,27 л 0,38 л | 0,35 л 0,46 л | 0,45 л 0,56 л |

## Усули татбиқ

Воридкунии омехта бояд дар ҷараёни омехтакунии омехтаи бетонӣ ё ки маҳлулӣ бо оби омехташаванда ба амал ояд, ҳамзамон самараи пластификатсиякунандаи иловаро ба назар гирифтан ва миқдори обро ба 15-20% кам кардан лозим аст. Самаранокии илова ҳангоми миқдори минималии оби омехташаванда меафзояд. Иловакунии илова бевосита ба омехтаи хушк манъ карда мешавад.

**Тавсияҳо ҳангоми татбиқ дар бетонҳо ва маҳлулҳо**

- барои истеҳсоли бетон ё ки маҳлул пуркунандаҳои гармро истифода бурдан лозим аст;
- ҳарорати тавсиядодашудаи омехтаи бетонӣ ё ки маҳлулӣ дар ҳароратҳои манфӣ — на кам аз +25°С;
- татбиқ кардани сементҳои баландтамға ва зуд сахтшаванда бо гармиҷудокунии баланд;
- сатҳи бетон ё ки маҳлул барои пешгирии намӣ дар оқибати яхкунӣ баъд аз анҷоми корҳо бо қабати маводи гидроизолятисонӣ (рубероид, пленкаи полиэтиленӣ ва ғайра) пӯшида шавад; бетон ё ки маҳлули нав рехташударо аз гумшавии интенсивии гармӣ бояд ҳимоя кард (бо маводи изолятсиякунандаи гармӣ), аз рӯи имконият ташкил кардани гармии иловагӣ;
- асосро ҳангоми молидани омехтаи маҳлулӣ +10°С бояд гарм кард;
- татбиқ дар маҳлулҳои модификатсияшуда (омехтаҳои хушки сохтмонии истеҳсоли корхонавӣ) тавсия дода намешавад, агар дигараш дар дастурамал оид ба татбиқи он гуфта нашуда бошад.

**Тавсифномаи техникӣ**

| Намуди берунӣ | Моеъи ҷигарранг |
|---|---|
| Ҳиссаи вазнии моддаи хушк, % | 40-44 |
| Зичӣ, г/см$^3$ | 1,24-1,27 |
| Нишондиҳандаи фаъолнокии ионҳои водородӣ (pH) | 8,0-11,0 |
| Таркиби CL-, %, на беш аз | 7,4 |

**Чораҳои эҳтиёт**

Илова ба дараҷаи 4-уми хатарнокӣ (моддаҳои камхатар) аз рӯи СтД 12.1.007 мансуб аст. Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастпӯшакҳо, айнакҳои муҳофизатӣ, воситаҳои ҳифзи аъзоҳои нафасгирӣ истифода баред. Расидани илова ба пӯст ва чашмонро пешгирӣ кунед. Ҳангоми ба чашмон расидан дарҳол онҳоро бо миқдори зиёди об шӯед. АЗ КӮДАКОН ЭҲТИЁТ КУНЕД!

**Шартҳои кашонидан ва нигоҳдорӣ**

Ҳамлу нақл ва нигоҳдориро дар ҳароратҳои на пасттар аз -20°С ва на бештар аз +40°С дар тараи герметикӣ пӯшидашуда, бо эҳтиёткунӣ аз таъсири нурҳои бевоситаи офтоб ба амал бароварда шавад. Ҳангоми ҳамлу нақл дар шароити ҳароратҳои манфӣ таҳшин имконпазир аст, ки ҳангоми гармкунӣ ва бодиққат омехтакунӣ бе гумкунии хусусияти маҳсулот ҳал мешавад.

**Таркиб**

Маҳлули обии лигносулфанатҳо ва намакҳои туршиҳои ноорганикӣ.

**Кафолати истеҳсолкунанда**

Истеҳсолкунанда мутобиқати иловаро ба талаботи шартҳои техникӣ ҳангоми риоя карда шудани шартҳои ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нишондодҳои дастурамали мазкур аз ҷониби истеъмолкунанда кафолат медиҳад. Муҳлати кафолатии нигоҳдорӣ дар тараи истеҳсолкунанда — 24 моҳ аз рӯзи истеҳсол.

**Иттилооти логистикӣ барои канистраи 3 л.**

Штрих-коди фардӣ 4607013043060

Штрих-коди гурӯҳӣ 14607013043067

Миқдори зарфҳо дар қуттӣ – 6 дона

Миқдори зарфҳо дар паллет – 144 дона

**Иттилооти логистикӣ барои канистраи 10 л**

Штрих-коди фардӣ 4607013043077

Миқдори канистрҳо дар паллет – 40 дона